Бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз "6" декабри соли 2016, № 512

тасдиқ шудааст

# РЕГЛАМЕНТИ ТЕХНИКИИ "БЕХАТАРИИ МАҲСУЛОТИ МЕБЕЛӢ"

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Регламенти техникии "Бехатарии маҳсулоти мебелӣ" (минбаъдРегламенти техникӣ) бо мақсади дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудани тартиби истифода ва иҷрои талаботи ягонаи ҳатмӣ нисбати маҳсулоти мебелӣ, таъмини ҷойивазкунии озоди маҳсулоти мебелӣ таҳия шудааст.

2. Агар нисбати намудҳои алоҳидаи маҳсулоти мебелӣ дигар регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар онҳо талабот ба маҳсулоти мебелӣ муқаррар гардидааст, қабул шуда бошад, маҳсулоти мебелӣ бояд ба талаботи ин регламентҳои техникӣ, ки амалашон ба он татбиқ мегардад, мутобиқат намояд.

## 2. МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

3. Дар Регламенти техникии мазкур истилоҳот ва мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- ба муомилот баровардани маҳсулот - дар бозорҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой додани маҳсулоте, ки аз анбори истеҳсолкунанда, фурӯшанда, шахси иҷрокунандаи амали истеҳсолкунандаи хориҷӣ ё бе анборкунӣ интиқол гардидааст;

- гарнитураҳои мебел - гурӯҳи маснуоти мебелие, ки барои ҷиҳозонидани доираи муайяни функсионалии бино пешбинӣ шуда, аломатҳои ороишию услубӣ ва тарҳрезии яхкела дорад;

- гурӯҳи маҳсулоти мебелии яхкела - маснуоти алоҳидаи мебелӣ бо таъиноти функсионалии муттаҳидшудаи умумӣ, ҳамчунин дастаҳо ё гарнитураҳои мебел;

- мустаҳкамӣ - дар зери таъсири сарбориҳои дарозмуддати корфармоӣ нигоҳ доштани хосиятҳои сахтӣ, мустаҳкамӣ ва коршоямии маҳсулоти мебелӣ;

- сахтӣ - қобилияти сохти ҷисм ба муқовимат нисбати пайдоиши шаклдигаркунии бебозгашти ҷисм аз таъсири сарбории беруна;

- рӯйпӯши муҳофизатӣ - ороишӣ - болопӯши сатҳи мебел, ки ҳамзамон иҷрокунандаи вазифаи муҳофизатӣ ва ороиширо дорад;

- болопӯши муҳофизатӣ - болопӯши дар қисмҳои мебел бо мақсади ҳифзи сатҳи болоии он аз таъсири гарду чанг ва дигар моддаҳои агрессивӣ кашидашуда ва ҳамчунин табдилёбии моддаҳои бухоршавандаи зараррасонро аз маводи маснуоти мебел ба ҳавои макони зист ҳифз месозад;

- маснуоти мебел - воҳиди маҳсулоти мебелии барои истифодаи мустақилона пешбинишуда;

- тамғагузорӣ - маълумоте, ки аз тарафи истеҳсолкунанда бевосита ба маснуоти мушаххаси мебелӣ, борҷома ва тамғакоғази он насб карда мешавад;

- маҳсулоти мебелӣ (мебел) - маҷмӯи маводи статсионарӣ ё ҷойивазкунанда барои ҷиҳози биноҳои истиқоматӣ ва ҷамъиятӣ, ҳамчунин барои дигар ҷойҳои зисти инсон;

- мебели маишӣ - мебел барои ҷиҳозонидани биноҳои гуногун дар макони зисти шаҳр, беруназшаҳрӣ ва деҳот, аз ҷумла дар ҳавои кушод;

- мебели кӯдакона - мебели барои кӯдакон пешбинигардида, бо андоза, шакл ва тарҳҳое, ки ба хусусиятҳои синнусолӣ ва қаду қомати онҳо мутобиқат дошта, организми инсонро тақвият мебахшад;

- мебел барои биноҳои ҷамъиятӣ - мебел барои ҷиҳозонидани биноҳо ва муассисаҳо бо назардошти хусусияти фаъолият ва хусусияти равандҳои функсионалии онҳо;

- мебел барои муассисаҳои таълимӣ - мебел барои ҷиҳозонидани мактабҳои таҳсилоти умумӣ, омӯзишгоҳҳо, муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ;

- бехатарии механикӣ - маҷмӯи шумораи нишондиҳандаҳои механикӣ, хусусиятҳои геометрӣ ва тавсифоти мебелӣ, ки паст намудани хатарҳои ба саломатии инсон зарррасон ё поиншавии ҳадди таҳдиди ҳаёти истифодабарандагонро таъмин мекунанд;

- маҷмӯи мебелҳо - гурӯҳи маҳсулоти мебелии таъиноти функсионалии гуногун ва бо истифодаи андозаҳои ягона, тарҳҳо, рӯйкаш ва ороишоти ягонаи сабки меъморӣ-ороишӣ сохташуда;

- бехатарии сӯхтор - риояи меъёрҳои муқарраргардидаи оташангезӣ, паҳншавии оташ дар сатҳи газворҳои бофандагӣ ва чармӣ, ки барои сохтани унсурҳои мулоими мебелҳо истифода мегарданд;

- рӯйпӯш - ҳама қабатҳои маводе, ки дар сатҳи болоии маводи конструксионӣ, аз ҷумла таҳрангҳо, лакҳо, моддаҳои рангкунанда, сирҳо, полимерҳо, фанерҳои ҷӯбӣ, пластикҳои коғазии қабатдор, плёнкаҳо, матоъҳо,

металлҳо, мавод бо асосҳои минералӣ ва дигар моддаҳои ба инҳо шабоҳатдошта, новобаста аз тариқи насби онҳо кашида шудаанд;

- мустаҳкамӣ - хосияти муқовиматкунандаи мавод ва конструксияҳо ба сарбориҳои беруна, бидуни вайроншавӣ ва шаклдигаркунии бебозгашт;

- андозаҳои функсионалӣ - андозаҳои маснуоти мебелӣ ва унсурҳои он барои фароҳамсозии таъинот ва шароити истифодаи мебелҳо. Андозаҳои функсионалӣ вобаста ба маълумоти антропометрӣ, эргономикӣ ва ҳаҷми объектҳои нигоҳдорӣ асос ёфта, бароҳатӣ ва бехатарии истифодаи маҳсулоти мебелиро таъмин менамоянд;

- муҳлати истифода - аз тарафи истеҳсолкунанда таъин намудани давомнокии тақвимии истифодаи маҳсулоти мебелӣ, аз оғози истифодаи он то фарорасии ҳолати ниҳоӣ, ҳангоме ки ҷузъҳои он, қисмҳои пайвастшаванда ва монанди инҳо метавонанд ба ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон, ҳамчунин дороии онҳо ё муҳити зист зарар оваранд;

- мустаҳкамии статикӣ - хусусияти сохти мебел нисбат ба муқовимати ниҳоӣ ба бузургии сарбории истифодашаванда бе шикасту вайроншавӣ;

- мебели табдилёбанда - мебеле, ки конструксияи он метавонад вобаста ба таъиноти функсионалӣ ва (ё) андоза тағйир ёбад;

- намунаҳои навъи маҳсулот - намунаҳои маҳсулоти сохти истифодаашон якхелаи аз қисмҳо, ҷузъҳо ва маводи якхела таркибёфта, ки дорои моҳияти асосӣ барои иҷрои талаботи қатъӣ ва ҳар кадом дорои талаботи муқарраргардидаи мутобиқат мебошанд;

- мустаҳкамӣ ба зарба (тобоварӣ ба зарба) - мустаҳкамии конструксия ҳангоми зарбарасонӣ ба он;

- маҷмӯи универсалии мебел - мебели дар асоси унсурҳои якшакла сохташудае, ки васлгардонии бисёртариқаи маснуоти онро таъмин менамояд;

- тобоварӣ - қобилияти маснуоти мебел нисбат ба муқовимати зиёди баровардани он аз ҳолати аввала, яъне афтидан ва чаппашавӣ;

- бехатарии кимиёвӣ - ҳолати маҳсулоти мебелӣ дар сурати ҷой надоштани хавфи истифодаи он вобаста ба сабабҳои хатар ба ҳаёту саломатии истеъмолкунандагон нисбат ба баландшавии ҳадди моддаҳои зараррасони кимиёвӣ ба ҳавои муҳити зист;

- бехатарии барқӣ - мутобиқати конструксияи маснуоти мебелӣ, ки мавҷудияти дастгоҳҳои барқиро бо ҳамаи меъёр ва қоидаҳои васлсозии барқ ва истифодаи асбобҳои барқии таъиноти маишӣ пешбинӣ менамояд;

- доираи боргузорӣ - маҷмӯи қиматҳои тарангшавии пайдарпай дар як муддати тағйирёбии онҳо.

## 3. ДОИРАИ ТАТБИҚИ РЕГЛАМЕНТИ ТЕХНИКӢ

4. Регламенти техникии мазкур талаботи ҳатмиро ба маҳсулоти мебелӣ ва равандҳои истифодаи он дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади таъмини ҳифзи ҳаёт ва (ё) саломатии инсон, моликият, муҳити зист, солимии ҳайвонату наботот, ҳамчунин амалҳои огоҳкунандае, ки истифодабарандагони ин маҳсулотро вобаста ба таъинот ва бехатарии он ба иштибоҳ мебарад, муқаррар менамояд.

5. Регламенти техникии мазкур ба маҳсулоти мебелии дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муомилот баровардашаванда - маснуот, дастаҳо, гарнитураҳои мебели маишӣ ва барои биноҳои ҷамъиятӣ, аз он ҷумла бо фармоишҳои инфиродӣ омодашуда татбиқ карда мешавад.

6. Номгӯи маҳсулоти мебелӣ, ки ба тасдиқи мутобиқат мансуб аст ва нисбати он Регламенти техникии мазкур талабот муқаррар намудааст, дар Замимаи 1 Регламенти техникии мазкур оварда шудааст.

7. Регламенти техникии мазкур ба таҷҳизоти зерин татбиқ намегардад:

- мебели тиббӣ, аз ҷумла намуди махсуси мизҳои ҷарроҳӣ, мизҳо барои муоина, катҳои беморӣ бо ҷиҳози ба таври механикӣ мувофиқгардонидашуда, курсиҳои дандонпизишкӣ ва дигар мебелҳои ҷарроҳӣ, дандонпизишкӣ, байторӣ;

- мебели барои дар нақлиёти ҳавоӣ, заминӣ ва зеризаминӣ истифодашаванда;

- мебели антиқӣ;

- мебели қаблан истифодагардида ва таъмиршуда;

- намунаҳои мебел барои намоишгоҳҳо ва реклама.

8. Барои муқаррар намудани мутобиқати маҳсулоти мебелӣ ба доираи татбиқи Регламенти техникии мазкур ҳаммонандсозии он гузаронида мешавад.

9. Ҳаммонандсозии маҳсулоти мебелиро инҳо мегузаронанд:

- мақомот оид ба сертификаткунонӣ - ҳангоми тасдиқи мутобиқати он ба талаботи Регламенти техникии мазкур;

- мақомоти ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон - ҳангоми ба амал баровардани назорати давлатӣ оид ба талаботи Регламенти техникии мазкур;

- ҳама шахсони манфиатдор.

10. Барои ҳаммонандсозии маҳсулоти мебелӣ яке аз тарзҳои зерин ё пайвастаи онҳо мавриди истифода қарор мегирад:

- аз рӯи ҳуҷҷат;

- бо назардид;

- узвҳои ҳис;

- бо асбоб.

11. Ҳаммонандсозии маҳсулоти мебелие, ки амали Регламенти техникии мазкур дар он татбиқ мегардад, бо роҳи муқоисаи номгӯй ва таъиноти маснуоти мебелии аз тарафи истеҳсолкунанда дар тамғакоғаз нишондодашуда, бо номгӯй ва ифодаҳои дар сертификати мутобиқат нишондодашуда, ҳангоми зарурат дар навиштаҷоти техникии маснуот, даста, гарнитураи мебел ба амал бароварда мешавад. Ба сифати тасвир метавонанд инҳо истифода шаванд:

- стандартҳои байнидавлатӣ ба андозаҳои функсионалӣ, истилоҳот ва мафҳумҳо;

- ҳуҷҷатдории конструкторӣ ва истифодабарӣ;

- шартномаҳои таҳвилӣ (қарордодҳо, созишномаҳо);

- тавсифҳои техникии аз тарафи истеҳсолкунанда таҳиягардида;

- каталогҳо, буклетҳо ва тарҳҳо.

## 4. ҚОИДАҲОИ МУОМИЛОТ ДАР БОЗОР

12. Маҳсулоти мебелӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми гузаронидани тартиби зарурии баҳодиҳии (тасдиқи) мутобиқат ба талаботи Регламенти техникии мазкур ва дигар регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки амалашон барои онҳо татбиқ мегардад, ба муомилот бароварда мешавад.

13. Истеҳсолкунанда, фурӯшанда, воридкунанда ё шахси ваколатдори истеҳсолкунанда, ки маҳсулоти мебелиро барои муомилот дар бозорҳо ҷой месозад, уҳдадоранд:

- мутобиқати маҳсулоти мебелиро ба талаботи Регламенти техникии мазкур таъмин намоянд;

- бехатарии маҳсулоти мебелиро дар давоми муҳлати муқаррарнамудаи истифодабарии он таъмин намоянд;

- дар ҳуҷҷатҳои ба маҳсулот ҳамроҳшаванда ва ҳангоми тамғагузории маҳсулот маълумоти зарурӣ оид ба сертификати мутобиқатро нишон диҳанд. Ҳуҷҷатдории ба маҳсулот ҳамроҳбуда, борхати интиқоли маҳсулот, дастурамал оид ба истифода ва дастур доир ба тариқи ҷамъсозии маҳсулоти мебелиро дар сурати ба қисмҳо ҷудо шудани он, дар бар мегирад;

- ба шахсони манфиатдор (вобаста ба талаботи онҳо), аз ҷумла дар ҳолати ҷой додани маҳсулот ба тартиботи гумрукӣ, ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаро оид ба тасдиқи мутобиқати маҳсулоти мебелӣ ба талаботи Регламенти техникии мазкур (сертификати мутобиқат ё нусхаи он) пешниҳод намоянд;

- ба мақомоти сертификаткунонӣ (баҳодиҳӣ, тасдиққкунанда) оид ба тағйироти воридгардида дар конструксияи маҳсулот ва ҳуҷҷатдории техникии маҳсулоти мебелии сертификатсияшуда хабар расонанд;

- дар ҳолати тамом шудани муҳлати эътибори сертификати мутобиқат, ба истиснои маҳсулоти дар давраи эътибορнокии сертификати мутобиқат дар бозорҳои ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муомилот баровардашуда, дар раванди муҳлати истифодаи маҳсулот, ки аз тарафи истеъмолкунанда муқаррар мегардад, фурӯши маҳсулотро боз доранд ё қатъ намоянд;

- агар эътибори сертификати мутобиқат боз дошта шуда бошад ё тамоман қатъ гардад, фурӯши маҳсулоти мебелиро боздоранд ё тамоман қатъ намоянд;

- истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти мебелиеро, ки аз тартиби баҳодиҳии (тасдиқи) мутобиқат гузашта, ба талаботи Регламенти техникии мазкур мутобиқат намекунад, дар асоси қарори мақомоти назорати давлатӣ оид ба риояи талаботи Регламенти техникии мазкур, боздоранд.

14. Дар ҳолати мутобиқат ба талаботи Регламенти техникии мазкур, ҳамчунин талаботи дигар регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки амалашон ба он татбиқ мегардад, маҳсулоти мебелӣ бо нишонаи мутобиқат ба регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамғагузорӣ мешавад.

## 5. ТАЛАБОТИ БЕХАТАРӢ

15. Маҳсулоти мебелӣ бояд тавре истеҳсол карда шавад, ки қабул ва истифодаи он вобаста ба таъинот ва дар ҳолати риояи шароити қоидаҳои дар ҳуҷҷатҳои истифодабарӣ пешниҳодгардида, шартҳои зеринро таъмин намояд:

- бехатарии механикӣ;

- бехатарии кимиёвӣ ва санитарӣ-беҳдоштӣ;

- бехатарӣ аз сӯхтор;

- бехатарии барқӣ.

16. Бехатарии механикии маҳсулоти мебелӣ бояд талаботи зеринро таъмин намояд:

- ҳадди зарурии мустаҳкамӣ, устувории статикӣ ва зарбавӣ, сахтӣ, шаклдигарсозӣ, бузургиҳои қатшавӣ, мустаҳкамии сохти маҳсулоти мебелӣ; такмили ба ду тараф ҷудошавӣ (тағйирёбии шаклии) унсурҳои функсионалии маҳсулоти мебелӣ; мулоимӣ ва шаклдигарсозии боқимондаи унсурҳои нарм; истифодаи катҳои дуқабата. Мустаҳкамии мебелҳои киштӣ бояд мавҷудияти таркибҳоро барои устувории он таъмин намояд. Талаботи бехатарии механикии маҳсулоти мебелӣ дар Замимаи 2 Регламенти техникии мазкур нишон дода шудааст;

- меъёри зарурии муҳофизат аз шикастан ҳангоми истифодаи маҳсулоти мебелӣ, аз ҷумла маҳсулоти шакливазкунанда, ҷузъҳои алоҳида, масолеҳи тарафи рост ва тиргаккунанда, механизмҳои тағйирёбандаи маҳсулоти мебелӣ, унсурҳои ҳаракаткунанда ва ба ду тараф кушодашаванда (мустаҳкамии боэътимод ва пайванди унсурҳо, ҳимоя аз кушодашавии ғайриихтиёрона, ҷой надоштани қисмҳои тез ва суфтаношуда, суст шудан ё печиши қирра ва теғаҳои сарпуши мизҳо, нишастҷойҳо ва такяҷойи курсиҳо, такяҷойи катҳо);

- меъёри зарурии муҳофизат аз шикастан ҳангоми истифодаи маҳсулоти мебелии шишагӣ ва ё ҳангоми пайвастани шиша бо металл, маводи чӯбӣ ва полимерӣ (ҷой надоштани имконоти пайдошавии шикастапораҳои шиша, ҳангоми шикастани он; истифодаи навъҳои махсуси шиша - асил, тобёфта, мустаҳкам ва бисёрқабата; коркарди нӯгҳои маҳсулоти шишагӣ суфтаву сайқалёфта, пардоздодашуда бо ҳамворсозии дами теғ ё теғаҳо). Тайёр намудани раф ва зеҳтахтаи дарҳо аз шишаварақа иҷозат дода мешавад;

- ҷой надоштани пайдоиши хавфи норавои афтидани кӯдакон аз катҳои кӯдакона ва бисёрқабата, ҳамчунин мизҳои баланди кӯдакона ва нуқсёбии қисмҳои бадани онҳо ҳангоми истифодабарӣ;

- меъёри зарурии ҳифзи саломатии кӯдакону наврасон аз риоя накардан ба талаботи андозаҳои функсионалии маҳсулоти мебелӣ ва талаботи эргономикӣ ва антропометрӣ.

17. Бехатарии кимиёвӣ ва санитарӣ-беҳдоштии маҳсулоти мебелӣ бояд мавҷуд набудани ҷудошавии моддаҳои кимиёвии аз маҳсулоти мебелӣ бухоршавандаро ба миқдоре таъмин намояд, ки он метавонад бо назардошти таъсири мутақобилаи ҳамаи моддаҳои ҷудошуда ба муҳити зист паҳн гардида, ба саломатии инсон таъсири мустақим ва бевосита расонад.

18. Ҳангоми истифодабарии мебел набояд моддаҳои кимиёвие, ки ба дараҷаи якуми хатар мансубият доранд, чудо шаванд ва таркиби дигар моддаҳои кимиёвӣ набояд аз меъёри муқарраргардидаи кӯчиш ба ҳавои муҳит, ки дар Замимаи 3 Регламенти техникии мазкур оварда шудааст, зиёд бошанд.

19. Ҳангоми аз мебел ҷудошавии якчанд моддаҳои кимиёвии зараровари дорои хусусияти ҷамъшавӣ, ҷамъи таносуби ғализӣ нисбат ба ҳадди лозимии ғализии онҳо набояд аз як воҳид зиёд шавад.

20. Мебелҳое, ки дар муассисаҳои кӯдакона, томактабӣ, мактабӣ, ҳамчунин муассисаҳои пешгирию табобатӣ, шифохонаҳои курортӣ истифода мегарданд, бояд дорои имконоти гузаронидани тамизи (дезинфексияи) сатҳҳои корӣ ва намои иморатҳо буда, ба ин васила онҳоро аз инкишоф ва афзоиши микрофлораҳо (махсусан микрофлораҳои патогенӣ) пешгирӣ намоянд. Пас аз тамизсозӣ бо моддаҳои кимиёвӣ набояд дар сатҳи болоии мебелҳо тағйирот пайдо шуда, реагентҳои кимиёвӣ ба ҷилонокӣ ва ранги сатҳи болоии (сатҳи устувори) мебел тағйирот ворид намоянд.

21. Маҳсулоти мебелӣ набояд дар дохили бино бӯи махсусеро паҳн созад, ки дараҷанокии он аз 2 балл зиёд бошад.

22. Меъёри шиддатнокии майдони электростатикӣ дар сатҳи мебелҳое, ки барои нишастан ва дарозкашӣ пешбинӣ гардидаанд, дар шароити истифодабарӣ (ҳангоми рутубатнокии ҳавои дохили бино (30-60) %), набояд аз 15,0кВ/м зиёдтар шавад.

23. Ҳадди фаъоли ҷоизи сезий аз 137 ва дар маводи чӯбӣ ва таркибашон чӯбдор, ки барои омодасозии мебел истифода мешаванд, набояд аз 300 Бк/кг зиёд бошад.

24. Фаъолияти ботаъсири нисбии радионуклидҳои табиӣ дар маводи асосҳои минералидошта, ки барои омодасозии мебелҳо истифода мегарданд, набояд аз 370 Бк/кг зиёд бошанд.

25. Дар истеҳсолоти маҳсулоти мебелӣ бояд мавод ва маҷмӯи ҷиҳозе, ки барои истеҳсоли он пешбинӣ гардидаанд, мавриди истифода қарор дошта бошанд.

26. Сатҳи болоии ҷузъҳои мебелии аз тахтачӯб омодашуда (қабатҳо, канораҳо) бояд болопӯши муҳофизатӣ ё муҳофизатӣ - ороишӣ дошта бошанд, ба истисноии сатҳи болоии ноаёни бо тариқи комапайвандӣ пайвастшуда; таркишҳо дар ҷойҳои часпоиши масолеҳ; канораи рӯбандҳо; кушода мондани баъзе ҷойҳо ҳангоми часпонидани девораи қафои мебели "рӯкашдор" ё "чорякӣ".

27. Сатҳи зарурии бехатарии барқӣ ва муҳофизати изолятсионӣ ҳангоми маҷмаъсозии мебелӣ бо асбобҳои барқӣ, техникаи маишӣ, дастгоҳҳои барқӣ ва ноқилҳои барқгузарон бояд ба талаботи Регламенти техникии бехатарии таҷҳизоти пастшиддат мутобиқат намоянд.

28. Сатҳи зарурии бехатарии сӯхтори матоъҳои бофандагӣ ва чармӣ, ки ба сифати рӯйкаши мебелҳо ҳангоми омодасозии унсурҳои мулоими маҳсулоти мебелӣ барои нишастан ва дарозкашӣ истифода мешаванд, аз нишондоди зерин иборатанд:

- барои омодасозии унсурҳои мулоими мебелии ба нишастан ва дарозкашӣ пешниҳодгардида набояд матоъҳои зуд оташгиранда ва ба гурӯҳи Т4 оид ба заҳрнокии маҳсулоти оташгирандаи рӯйкашии саноати бофандагӣ ва чармӣ дохилшуда қабул дониста шаванд;

- дар ҳуҷҷатҳои ҳамроҳшаванда ба маводи бофандагӣ ва чармӣ, ки барои истеҳсоли мебел пешниҳод мегарданд, бояд маълумот дар бораи хатари сӯхтор нишон дода шавад.

29. Маҳсулоти мебелӣ ҳангоми истифода бояд ба талаботи бехатарии зерин ҷавобгӯ бошад:

- истифодаи маҳсулоти мебелии ба муомилот баровардашуда бояд вобаста ба таъиноти маҳсулоти мебелии дар тамғакоғаз, дастурамал оид ба ҷамъсозии мебел, истифода ва тариқи нигоҳдории он ишораёфта, ҳамчунин (дар ҳолати зарурӣ) бо назардошти меъёри сарбориҳои аз тарафи истеҳсолкунанда нишондода, ба амал бароварда шавад;

- маҳсулоти мебелии дар шакли ҷудо-ҷудо ба муомилот баровардашуда бояд мутобиқ ба замимаҳои дастурамали истеҳсолкунанда доир ба маҷмаъсозии мебел, ки дастурҳои маҷмаавӣ ва тарҳи васлсозии мебелро дар бар мегирад, ҷамъ сохта шавад;

- ҳангоми истифодабарии маҳсулоти мебелӣ ба рехтани об ва дигар моеъҳо ба унсури маснуоти мебелии ба фарши хона наздикбуда роҳ додан мумкин нест. Ҳангоми васлсозии дастгоҳҳои шустушӯӣ, дастшӯякҳо ба маҳсулоти мебелӣ барои ошхона, шустушӯйхонаҳо, ҳамчунин мебелҳои озмоишгоҳҳо бояд гидроизолятсияи онҳо дар ҷойҳои васлшавӣ (пайвандҳо) дар сатҳи баданаи маҳсулоти мебелӣ пешбинӣ карда шавад;

- ҳангоми ҷойгирсозии маҳсулоти мебелӣ дар наздикии дастгоҳҳои гармкунандаи барқӣ сатҳи ин мебелҳо дар сурати истифодабарӣ бояд аз гармӣ муҳофизат карда шавад. Ҳарорати гармии унсурҳои мебелӣ набояд аз +400С зиёд бошад.

30. Маълумот барои истеъмолкунанда дар шакли тамғагузорӣ, дастурамал оид ба истифодабарӣ ва дастур доир ба маҷмаъсозии мебел, дар сурате, ки агар мебел дар шакли ҷудогона бошад, пешниҳод карда мешавад.

31. Ҳар як маҳсулоти мебелие, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фурӯш бароварда мешавад, бояд дорои тамғагузорӣ бо забони давлатӣ ва/ё забони русӣ бошад. Номгӯи тиҷоратии маҳсулот, ҳамчунин номгӯи ширкати истеҳсолкунанда метавонад бо хуруфоти лотинӣ пур карда шавад.

32. Тамғагузорӣ бояд бо хуруфи матбаавӣ дар тамғақоғаз, ё тамғаи матоӣ, ки ба маҳсулоти мебелӣ ё борҷомаи он сахт часпонида шуда, дар шакли маҷмӯавӣ пешниҳод мегардад, ба иҷро расад.

33. Маснуоти мебелие, ки дар шакли ҷудогона ба муомилот бароварда мешавад, метавонад тамғагузорӣ бо ифодаи маснуот ва санаи истеҳсол надошта бошад. Дар ин сурат ифодаи маснуот аз тарафи истеҳсолкунанда ё фурӯшанда, ҳангоми ба фурӯш баровардани маснуоти мебелӣ, ё дар вақти маҷмаъсозии он аз тарафи истифодабаранда пешниҳод карда мешавад. Санаи барориш бояд дар борҷома нишон дода шавад. Тамғагузорӣ ба мебелҳои ҷамъшавандаи ҷудогона дар борҷома насб мегардад.

34. Ба тамғагузорӣ бо рангҳои шустанашаванда, тариқи муҳрзании хоса, тамғазании махсус, тариқи фурӯгузорӣ, ҳамчунин маълумоти реквизитии алоҳида бо тарзи сикказанӣ ва ин амсол, иҷозат дода мешавад.

35. Тамғагузорӣ бояд бисёр аниқ (саҳеҳ) буда, маълумоти зеринро дар бар гирад:

- номгӯи маснуоти мебелӣ вобаста ба таъиноти истифодабарӣ ва функсионалӣ, ифодаи маснуот (рақамӣ, шахсӣ, моделӣ ва монанди инҳо);

- тамғаи молӣ (логотипи) истеҳсолкунанда (дар сурати мавҷудият);

- номгӯи кишвари истеҳсолкунанда;

- номгӯй ва макони ҷойгиршавии (суроғаи) истеҳсолкунанда;

- номгӯй, суроғаи ҳуқуқӣ ва воқеии шахси ваколатдори истеҳсолкунанда, воридсозандаи маҳсулот;

- санаи истеҳсол;

- муҳлати кафолатнок;

- мухлати истифодабарии муқаррарнамудаи истеҳсолкунанда;

- аломати мутобиқати регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

36. Барои мебелҳои дар шакли ҷудогонаи маҷмаъшаванда тамғакоғаз бояд ҳамроҳ бо дастурамали маҷмаъсозӣ дар борҷома часпонида шавад.

37. Дар тамғагузории курсиҳо, мизҳо ва партаҳои кӯдакона ва мактабӣ, ҳамчунин курсиҳо барои биноҳои ҷамъиятӣ бояд нишондоди зерин насб шавад: дар сурат - рақами қадду қомат, дар махраҷ - қадду қомати миёнаи кӯдакон.

38. Дар сатҳи чашмраси берунии мизҳо, партаҳо ва курсиҳо барои муассисаҳои томактабӣ ва мактабҳои таҳсилоти умумӣ пешбинигардида (ба истисноии таълимгоҳҳои миёнаи махсус ва донишгоҳу донишкадаҳои олӣ) бояд тамғакоғази рангаи даврашакл бо диаметри на кам аз 10 мм, ё хатҳои уфуқӣ бо андозаи на кам аз 10 х 15 мм, бо рангҳои зерин, вобаста аз рақамҳои қаддуқоматии дар маснуоти мебелӣ, насб карда шавад:

- 00 - сиёҳ;

- 0 - сафед;

- 1 - норанҷӣ

- 2 - бунафш;

- 3 - зард;

- 4 - сурх;

- 5 - сабз;

- 6 - осмонӣ.

39. Тариқи часпонидани тамғагузорӣ ранга бояд нигоҳдории дарозмуддати онро таъмин карда тавонад. Ба часпонидани тамғакоғази ранга, ки тариқи матбаавӣ бо асоси худширешшавӣ сохта шудааст, иҷозат дода мешавад.

40. Ба маҳсулоти мебелӣ дастурамале ҳамроҳ карда мешавад, ки қоида ва шартҳои истифодаи бехатар, аз ҷумла маълумоти дар банди 29 Регламенти техникии мазкур ва дигар маълумоти иловагиро дар бар гирифта, онҳоро муқаррар месозад.

41. Таъмини мутобиқат ба талаботи бехатарӣ:

- мутобиқати маҳсулоти мебелӣ ба Регламенти техникии мазкур бо иҷрои бевоситаи талаботи бехатарии он ва ё иҷрои талаботи ҳуҷҷатҳои ба Номгӯи ҳуҷҷатҳо дар соҳаи стандартизатсия дохилгардида, ки дар натиҷаи истифодаи ихтиёрии онҳо риояи талаботи Регламенти техникии "Бехатарии маҳсулоти мебелӣ" таъмин мегардад;

- усулҳои санҷиши (ташхиси) ченаки маҳсулоти мебелӣ, аз ҷумла қоидаҳои интихоби намунаҳо, ки барои истифода ва иҷрои талаботи Регламенти техникии мазкур ва амалисозии баҳодиҳии (тасдиқи) мутобиқати маҳсулот зарурат доранд, дар Номгӯи стандартҳои дарбаргирандаи қоида ва усулҳои ташхис (санҷиш) ва ченак, аз ҷумла қоидаи интихоби намунаҳои барои истифода ва иҷрои талаботи Регламенти техникии "Бехатарии маҳсулоти мебелӣ" ва амалӣ намудани баҳодиҳии (тасдиқи) мутобиқати маҳсулоти мебелиро таъмин месозанд.

## 6. ТАСДИҚИ МУТОБИҚАТИ МАҲСУЛОТИ МЕБЕЛӢ

42. Пеш аз ба муомилот баровардани маҳсулоти мебелӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд он раванди тасдиқи мутобиқатро ба талаботи Регламенти техникии мазкур гузарад. Тасдиқи мутобиқати маҳсулоти мебелии дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муомилот баровардашуда, бо роҳи барасмиятдарории сертификати мутобиқат татбиқ мегардад.

43. Сертификати маҳсулоти мебелӣ аз тарафи мақоми сертификаткунонӣ, ки доираи аккредитатсияаш барои маҳсулоти мебелӣ татбиқ мешавад, дар асоси шартнома ва дархостҳои байни дархостдиҳанда ва мақоми сертификатсия амалӣ карда мешавад.

44. Дархостдиҳанда ӯҳдадор мешавад, ки таъмини мутобиқати маҳсулоти мебелиро ба талаботи муқаррарнамудаи Регламенти техникии мазкур таъмин намояд.

45. Дар ҳолати тасдиқи мутобиқат дархостдиҳанда шахси истеҳсолкунанда, воридкунанда ё фурӯшанда ба ҳисоб меравад.

46. Вобаста ба маҳсулоти мебелии ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда (истеҳсолкунанда ё фурӯшанда) мутобиқати маҳсулоти мебелии воридшударо ба талаботи Регламенти техникии мазкур таъмин менамояд.

47. Дар ҳолати тасдиқи мутобиқати маҳсулот ба талаботи Регламенти техникии мазкур истеҳсолкунанда (омодасозанда) ӯҳдадор мешавад, ки:

- назорати санҷиширо амалӣ намояд ва ҳама чораҳои заруриро барои таъмини дурусти раванди истеҳсолот нисбат ба мутобиқати маҳсулот ба талаботи Регламенти техникии мазкур ба роҳ монад;

- ба ҳар як миқдори маҳсулот дар озмоишгоҳҳои истеҳсолӣ барои назорати дохилӣ, мувофиқи талаботи Регламенти техникии мазкур бо усулҳои муқарраргардида, санҷишҳои пешакӣ гузаронад.

48. Сертификаткунонии ҳар кадом маҷмӯи маҳсулоти мебелӣ алоҳида гузаронида мешавад.

49. Тартиби амалӣ намудани сертификаткунонии маҳсулоти мебелӣ амалҳои зеринро дар бар мегирад:

- пешниҳоди дархост;

- гирифтани намуна ва ҳаммонандии маҳсулоти мебелӣ;

- гузаронидани ташхиси намунаи маҳсулоти мебелӣ дар озмоишгоҳҳои ташхисии аккредитатсияшуда;

- ҷамъбаст намудани натиҷаҳои ташхис ва қарор қабул намудан дар бораи ба дархостдиҳанда додани (дар бораи рад намудани) сертификати мутобиқат;

50. Дархостдиҳанда ҳуқуқ дорад нисбати қарори мақомоти сертификаткунонӣ бо тартиби судӣ даъво намояд.

## 7. ТАМҒАГУЗОРӢ БО НИШОНИ МУТОБИҚАТИ РЕГЛАМЕНТҲОИ ТЕХНИКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

51. Маҳсулоти мебелӣ, ки ба талаботи бехатарии Регламенти техникии мазкур мутобиқ мебошанд ва раванди тасдиқи мутобиқатро мувофиқи боби 6 Регламенти техникии мазкур гузаштаанд, бояд дорои тамғагузорӣ бо нишони мутобиқати регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошанд.

52. Тамғагузорӣ бо нишони мутобиқат ба регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ба муомилот баровардани маҳсулоти мебелӣ амалӣ карда мешавад.

53. Нишони мутобиқат ба регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамғакоғаз, ки дар қисмати ҷудонашавандаи ҳар як маснуоти мебелӣ ҷой дода шудааст, дарҷ карда мешавад. Дарҷ намудани нишони мутобиқат ба регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисми болоии ғаладонҳои ҳаракаткунанда, рафҳои аз ҷой ба ҷойе гузаронидашаванда, ва дигар қисмҳо, аз ҷумла маснуоти маҷмуавӣ, ки метавонанд иваз шаванд, иҷозат дода намешавад.

54. Нишони мутобиқат ба регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин дар ҳуҷҷатҳои истифодабарии дар онҳо ҳамроҳшуда дарҷ карда мешавад. Нишони мутобиқат ба регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҳсулоти мебелӣ бо ҳама гуна роҳҳое, ки тасвири равшан ва саҳеҳи онро дар ҷараёни муҳлати истифодаи маҳсулоти мебелӣ таъмин менамояд, нишон дода мешавад.

55. Барои маснуоти мебелии васлшаванда ё конструксияи универсалии васлшаванда, ки дар намуди ҷудогона таҳвил шудаанд, гузоштани нишони мутобиқат ба регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар борҷома ва ҳуҷҷатҳои ба онҳо ҳамроҳшаванда иҷозат дода мешавад.

## 8. НАЗОРАТИ ДАВЛАТӢ ОИД БА РИОЯИ ТАЛАБОТИ РЕГЛАМЕНТИ ТЕХНИКИИ МАЗКУР

56. Назорати (санҷиши) давлатӣ оид ба риояи талаботи Регламенти техникии мазкур нисбат ба маҳсулоти мебелӣ ва ба талаботи ба онҳо алоқаманди равандҳои истеҳсол (тайёркунӣ), нигоҳдорӣ, таҳвил (интиқол), фурӯш ва истифодаи партовҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

57. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Регламенти техникии мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Замимаҳо

Замимаи 1
ба Регламенти техникии
"Бехатарии маҳсулоти мебелӣ"

### Номгӯи маҳсулоти мебелӣ, ки ба тасдиқи мутобиқат мансуб аст ва нисбати он Регламенти техникии "Бехатарии маҳсулоти мебелӣ" талабот муқаррар намудааст

| № б/т | Номгӯи маҳсулот | Рамзи гурӯҳҳо Номгӯи молии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ |
|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 |
| 1 | Мебел барои озмоишгоҳ, ба истиснои мебели озмоишгоҳҳои тиббӣ | 9402 |
| 2 | Мебел барои муассисаҳои таълимӣ | 9403 |
| 3 | Мебел барои муассисаҳои томактабӣ | 9403 |
| 4 | Мебел барои муассисаҳои савдо, хӯроки умумӣ ва хизмати маишӣ | 9403<br>841850 |
| 5 | Мебел барои меҳмонхона, табобатгоҳ ва хобгоҳҳо | 9404 |
| 6 | Мебел барои муассисаҳои театрӣ-намоишӣ ва фарҳангӣ | 9403 |
| 7 | Мебел барои биноҳои маъмурӣ | 9403 |

| | | |
|---|---|---|
| 8 | Мебел барои вокзалҳо, муассисаҳои молиявӣ ва коргоҳҳои алоқа | 9403 |
| 9 | Мебел барои мағозаҳои китобфурӯшӣ (рафҳо, рафчаҳо, ҷевонҳо, мизҳо) | 9403, 8304 |
| 10 | Мебел барои дохили киштиҳо (каютаҳо, ҳуҷраҳои ҳайати идоракунандаи киштӣ, пулчаҳои гузаргоҳ, ҳуҷраи идоракунии марказӣ, хонаи истироҳат, ошхона, дармонгоҳ) | 9403 |
| 11 | Мизҳо (хӯроккурӣ, хатнависӣ, ороишӣ, маҷаллагузорӣ, компютерӣ, мизҳо барои телевизор, радио, дастгоҳҳои тасвирӣ, намоишдиҳанда, телефонҳо, ҳамчунин барои суффачаҳо, гузаргоҳҳо  ва дигар маснуот) | 9403 |
| 12 | Курсиҳо, креслоҳо, роҳаткурсиҳо, чорпояҳо, нимкатҳо, мулоимкурсиҳои бетакя, диванҳо, нимкатҳои мулоими хоб, катҳо, катҳои мулоим, диван-катҳо | 9403 |
| 13 | Катҳо | 9403 |
| 14 | Қолибкатҳо | 9404100 000 |
| 15 | Ҷевонҳо, ҷевончаҳо, рафҳо, секретерҳо, комодҳо, оинаҳои қаднамо, оинаҳои сеқабата ва дигар маснуоти мебелӣ (сандуқҳо, рафҷевонҳо, мебелпардаҳо, курсипояҳо, либосовезҳо, қуттиҳо, рафчаҳо ва ғайра) | 8304000000,<br>4420 |
| 16 | Мебел барои кӯдакон (мизҳо, курсиҳо, катҳо, манежҳо, қуттиҳо барои бозичаҳо, роҳаткурсиҳо, диванҳо, ҷевонҳо, ҷевончаҳо, чорпояҳо, нимкатҳо, қолибкатҳо, диван-катҳо ва дигар маснуот) | 9401<br>9403 |

Замимаи 2
ба Регламенти техникии
"Бехатарии маҳсулоти мебелӣ"

Талабот ба бехатарии механикии маҳсулоти мебелӣ
Талабот ба бехатарии маснуоти баданаи мебел ва мизҳо

Ҷадвали 1

| Номгӯи нишондиҳанда | Қимати нишондиҳанда дар алоқамандӣ аз таъиноти истифодабарии мебелҳо | | |
|---|---|---|---|
| | маишӣ | Барои биноҳои ҷамъиятӣ, барои биноҳои маъмурӣ, | Барои синфхонаҳо, озмоишгоҳҳо ва муассисаҳои таълимӣ, |

| | | барои муассисаҳои таълимӣ | бинoҳои театрӣ-намоишӣ, муассисаҳои варзишӣ, толорҳои интизории воситаҳои нақлиёт |
|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 |
| Баданаи (корпуси) мебел<br>Мустаҳкамӣ ва шаклдигаркунии баданаи мебел:<br>- доираи боргузорӣ<br>- шаклдигаркунӣ, на зиёда аз (мм) | 600<br>3,0 | 600<br>3,0 | 600<br>3,0 |
| Мустаҳкамии асос, доираҳои боргузорӣ | 500 | 500 | 500 |
| Фурӯхамии рафҳои озод хобида, бо андозаи дарозиаш 1м, на зиёда аз (мм) | 5,0 | 5,0 | 5,0 |
| Мустаҳкамии рафнигоҳдорак, доираи боргузорӣ | 10 | 10 | 10 |
| Мустаҳкамии тахтасипарҳои болоӣ ва поёнӣ нисбат ба таъсири сарборӣ, бидуни вайроншавӣ (соат) | 24 | 24 | 24 |
| Устувории такяҳои албончӗбанда, доираи албончӗбӣ:<br>- ҳангоми тӯли равиш (500±50) (мм)<br>- ҳангоми тӯли равиш (250±25) (мм) | 2500<br>5000 | 5000<br>10000 | 10000<br>20000 |
| Мустаҳкамии бадан ва маҳкамии пайванди овезаҳо дар маҳсулоти мебелии баданаш ба девор часпанда, бидуни вайроншавӣ | Бори баҳисоб гирифтаи аз таъиноти функсионалии маснуот вобастагидошта | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Дарҳо бо меҳвари амудии тобхӯранда<br>Сахтии пайванди дарҳо, бо хусусияти шаклдигарсозиҳои боқимонда, на зиёда аз (мм):<br>- замимавӣ<br>- рӯйкашӣ | <br><br><br><br>1,0<br>2,0 | <br><br><br><br>1,0<br>2,0 | <br><br><br><br>1,0<br>2,0 |
| Мустаҳкамии пайванди дарҳо, доираи боргузорӣ | 10 | 10 | 10 |
| Пойдории пайванди дарҳо:<br>- доираи боргузорӣ<br>- шаклдигарсозиҳои боқимонда на зиёда аз (мм)<br>- замимавӣ<br>- рӯйкашӣ | <br>20000<br><br>1,5<br>2,5 | <br>40000<br><br>1,5<br>2,5 | <br>80000<br><br>1,5<br>2,5 |
| Дарҳо бо меҳвари уфуқии тобхӯранда<br>Мустаҳкамии пайванди дарҳо, доираи боргузорӣ:<br>- шаклдигарсозиҳо, на зиёда аз (мм)<br>- шаклдигарсозиҳои боқимонда, на зиёда аз (мм) | <br>10<br>50,0<br>20,0 | <br>10<br>50,0<br>20,0 | <br>10<br>50,0<br>20,0 |
| Мустаҳкамии пайвандҳо, доираи боргузорӣ | 5000 | 10000 | 20000 |
| Дарҳои ба ду тараф кушодашаванда ва дар-пардаҳои уфуқӣ<br>Кӯшиши ба ду тараф ҷудосозӣ, на зиёда аз (даН) | 3,0 | 3,0 | 3,0 |
| Мустаҳкамии пайвандҳо, (даН) | 3,0 | 4,0 | 4,0 |
| Пойдории пайвандҳо, доираи боргузорӣ | 10000 | 20000 | 40000НМ |
| Дарпардаҳои амудӣ<br>Кӯшиши ба ду тараф ҷудосозӣ, на зиёда аз (даН) | 3,0 | 3,0 | 3,0 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Мустаҳкамӣ,<br>доираи боргузорӣ | 20 | 30 | 40 |
| Қуттиҳо (нимқуттиҳо)<br>Кӯшиши кашида баровардани қуттиҳо, на зиёда аз (даН) | 5,0 | 5,0 | 5,0 |
